آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

25 декабри соли 2024 Чоршанбе № 103 (15114)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## НАҚШАҲОИ УМУМӢ ОИД БА ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБА БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

**_Дар ҷараёни суҳбати телефонӣ, ки 24 декабр ба вуқӯъ пайваст, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиевро бо зодрӯзаш самимона муборакбод кард._**

Роҳбари давлати мо нақши таърихии сарвари Озарбойҷонро дар таҳкими истиқлол, қарор ёфтани ягонагии сарҳад, таъмин намудани рушди устувор ва баланд бардоштани нуфузи байналхалқии мамлакат махсус таъкид намуд.

Президентҳо масъалаҳои рӯзмарраи минбаъд вусъат додан ва мустаҳкам кардани муносибатҳои дӯстиву иттифоқиро дар партави татбиқсозии муоҳидаҳои дараҷаи олӣ муҳокима намуданд.

Натиҷаҳои пурмаҳсули кори муштарак дар Соли рушди муттасили ҳамкориҳои дуҷониба бо қаноатмандии амиқ таъкид гардиданд.

Ҳаҷми мубодилаи тарафайни мол мунтазам меафзояд, лоиҳаҳои кооператсионӣ дар соҳаҳои автомобилсозӣ, бофандагӣ, электротехника, аграрӣ, сайёҳӣ ва ғайра фаъолтар татбиқ мешаванд. Барномаи пурмуҳтавои табодули фарҳангиву башардӯстона амалӣ мегарданд.

Сарони Ӯзбекистон ва Озарбойҷон бинобар рӯзномаи байналхалқӣ низ табодули афкор карданд, ҷадвали чорабиниҳои минбаъдаро баррасӣ намуданд.

**ӮзА.**

## ДАР БОРАИ ВАЗИФАҲОИ МИНБАЪДАИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

**_Ба сарвари давлат дар бораи вазифаҳои афзалиятноки низоми таълими томактабӣ ва мактабӣ барои соли 2025-ум маълумот пешниҳод гардид._**

Эътибори давлат ба ин зинаҳои таълим, ки асоси ташаккулёбии шахсият ба шумор меравад, мунтазам меафзояд. Ҳар сол биноҳои нави таълимӣ бунёд меёбанд, иқтидори мутахассисон боло меравад, китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои таълимӣ мувофиқи талаботи замон нав мешаванд.

Таълими томактабӣ даврони нави рушдро бо такя ба таҷрибаи пешқадами хориҷӣ аз сар мегузаронад. Тӯли солҳои охир миқдори кӯдакистонҳо 8 баробар афзуда, ба 38 ҳазор адад расид, фарогирӣ бо таълими томактабӣ бошад, аз 25 то ба 76 фоиз боло рафт.

Рушди таълими мактабӣ дар мамлакати мо ҷиҳати умумимиллӣ пайдо кард. Тӯли ҳафт соли охир дар зиёда аз 5 ҳазор мактаб корҳои сохтмониву таъмирӣ иҷро гардиданд, 608 адади онҳо соли равон бозсозӣ шуданд. Таълими забони дуюми хориҷӣ ва сабақи касбӣ барои ҷавонон васеъ карда шуд. Бори аввал дар 530 мактаб таълими инклюзивӣ ҷорӣ карда шуд.

Вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ дар бораи нақшаҳои минбаъда маълумот дод.

Қайд гардид, ки соли оянда зиёда аз 100 мактаби нав кушода шуда, 257 ҳазор ҷой ташкил мешаванд. Барномаҳои давлатии таълимӣ ба талаботи байналхалқӣ мувофиқ хоҳанд шуд. Миқдори мактабҳо бо дувумин забони хориҷӣ ба 420 адад ва таълими касбӣ то ба 400 адад расонида мешаванд.

Аввалин таҷрибаи байналхалқӣ ва методикаи замонавӣ дар амалия ҷорӣ карда хоҳад шуд.

Аз ҷумла, соли равон дар 1,5 ҳазор мактаби таълими умумӣ низоми нави баҳогузорӣ ҷорӣ гардид. Бо дарназардошти натиҷаи таҳлилҳо соли оянда пешбинӣ мегардад, ки дар бештари мактабҳо ин тарзи баҳогузорӣ ҷорӣ карда шавад.

Ҳангоми ба омӯзгорон додани дараҷаи ихтисос низоми рақамӣ ҷорӣ карда шуд. Минбаъд омӯзгороне, ки дараҷаи дониши худро баланд бардоштаанд, вобаста ба холҳои ҷамъовардаашон, ба маош 70 фоиз иловапулӣ гиранд.

Роҳбари давлат зарурати такмил додани тартиби гузаронидани имтиҳонҳои ихтисосӣ, фароҳам овардани рақобати солим ва таъмин кардани шароити баробарро барои тамоми омӯзгорон таъкид кард.

Бо ин мақсад аз соли оянда дар марказҳои минтақавии такмили ихтисос барномаҳои таълимӣ тағйир дода мешаванд. Барои ҳар кадом омӯзгор низоми дифференсиалии такмили ихтисос амал мекунад.

Муаллимоне, ки аз имтиҳони ихтисосӣ нагузаштаанд, бинобар барномаи махсус таълими иловагӣ мегиранд. Дар минтақаҳо 5 маркази маҳорати педагогии замонавӣ ба кор сар мекунанд. Тамоми марказҳо бо техникаҳо барои таълими вазъӣ ва лабораторияҳои вертуалӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд.

Ба мақсади ба ташкилоти таълимӣ ҷалб намудани роҳбарони соҳибтахассус ва дастгирӣ кардани фаъолияти онҳо ба роҳ мондани рағбатноксозии моддии директорони мактабҳо ва кӯдакистонҳо, ҳамчунин муовинони онҳо аз ҳисоби манбаъҳои иловагӣ пешниҳод карда шуд.

Ба масъалаи таълими ҳамаҷониба ва ҷараёни тарбия афзалият дода мешавад. Мувофиқи қарори Президенти Ӯзбекистон аз 15 ноябри соли равон эътибор ба низоми тайёрии ибтидоии пешаздаъватии мактаббачагон пурзӯр карда шуд. Дар синфҳои болоӣ миқдори соатҳо бинобар тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ, барои мустаҳкам кардани нуфузи муаллимони ин самт бошад, тартиби ба онҳо додани унвонҳои ҳарбӣ ҷорӣ карда шуд.

То оғози соли таълими оянда тайёр кардани китобҳои нави дарсӣ бинобар фанҳои зикршуда бо ҷалб кардани омӯзгорони дараҷаи касбиашон олӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Якҷо бо Вазорати мудофиа дар 208 муассисаи таълимӣ «Мактабҳои мардонагӣ» ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо наврасони ахлоқашон мураккаб бо таълим фаро гирифта хоҳанд шуд.

30 сентябри соли равон боз як ҳуҷҷати муҳим, ки ба минбаъд баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими томактабӣ нигаронида шудааст, қабул гардид. Мувофиқи он аз соли 2025-ум вазифаи муовини директори муассисаи таълими томактабӣ ҷорӣ карда мешавад. Ҳамчунин шаклҳои нави баланд бардоштани ихтисос – «Соати маҳорати методӣ» ва «Рӯзи маҳорати методӣ» ҷорӣ мегарданд.

Соли оянда бунёди 162 муассисаи таълими томактабӣ, сохтани 100 кӯдакистони хусусӣ ва 1 ҳазор боғчаҳои бачагонаи оилавӣ ба нақша гирифта шудааст, ки имкон медиҳад фарогирӣ бо таълими томактабӣ ба 78 фоиз расонида шавад. Робитаи байни барномаҳои таълимии гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб ва синфҳои ибтидоӣ пурзӯр карда мешаванд.

Президент супориш дод, ки соҳа дар тамоми минтақаҳо мувофиқи нақша инкишоф дода, сифати таълими умумӣ бо эътибори махсус ба ноҳияҳои дурдаст баланд бардошта шавад.

**ӮзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БА САНКТ-ПЕТЕРБУРГ ОМАД

**_Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари корӣ ба Федератсияи Русия омад._**

Дар фурудгоҳи байналхалқии «Пулково» меҳмони олимартабаро губернатори Санкт-Петербург Александр Беглов ва дигар ашхоси расмӣ пешвоз гирифтанд.

Сипас Сарвари давлатамон ҳамроҳи губернатор дар майдони Исаакиевский пиёда сайр карданд.

Пешвои Ӯзбекистон дар доираи ташриф рӯзҳои 25-26 декабр дар шаҳри Санкт-Петербург дар вохӯрии ғайрирасмии роҳбарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дар ҷамъомади навбатии Шӯрои иқтисодии олии Авруосиё ҳамчун нозир иштирок менамояд.

**ӮзА.**

## БЕҲТАР КАРДАНИ СИФАТИ ЗИНАИ ИБТИДОИИ ТИБ ВАЗИФАИ АСОСӢ МЕГАРДАД

**_Дар машварати назди Президент Шавкат Мирзиёев корҳое, ки дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ амалӣ шудаанд, баррасӣ гардиданд ва вазифаҳои аввалиндараҷа барои соли 2025-ум мушаххас карда шуданд._**

Тағйироти сифатие, ки дар соҳаи мазкур амалӣ мешаванд, бевосита ба тамоми сокинони мамлакат: аз шаҳрҳо то деҳоти дурдасттарин, аз кӯдакон то куҳансолон дахл доранд. Ҳаҷми маблағҳои буҷавие, ки ба соҳаи тандурустӣ равона шудаанд, ҳар сол меафзояд. Баробари хидматҳои дигари иҷтимоӣ он низ ба мардум қаринтар мегардад: зиёда аз 18 ҳазор гурӯҳҳои тиббӣ дар сатҳи ибтидоӣ амал мекунанд.

Технологияҳои замонавӣ дар ташхис ва табобат фаъолона ҷорӣ карда мешаванд. Дар хидматҳои кӯмаки тиббии махсусонидашуда беш аз 500 усулҳои нави ташхис ва зиёда аз 800 усулҳои табобат аз худ гардидаанд. Дастгирии тибби хусусӣ интихоб ва гуногунрангии хидматҳои тиббиро вусъат дод.

Соли 2024-ум ба соҳаи нигаҳдории тандурустӣ 36 триллион сӯм равона карда шуд, ки нисбати соли гузашта 25 фоиз бештар аст.

Дар зинаи ибтидоӣ шаш навъи тафтишоти скринингӣ ҷорӣ гардиданд. Дар натиҷа дар оғози бемории 106 ҳазор мизоҷ диабети қанд, дар 194 ҳазор нафар касалии дилу раг, дар зиёда аз 2 ҳазор зан бемориҳои онкологӣ, дар қариб ҳазор кӯдак касалиҳои онкогематологӣ муайян карда шуданд.

Ба сифат ва самаранокии табобат эътибори махсус дода мешавад. Бо ин мақсад зиёда аз 2 ҳазор мутахассисон дар хориҷа бозомӯзӣ карданд. Ин имкон дод, ки саҳми ҷарроҳиҳои баландтехнологӣ дар минтақаҳо то 61 фоиз афзояд. 191 ҳуҷҷати клиникӣ мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ бинобар 43 самт нав карда шуданд.

Дар марказҳои тахассусонидашуда ва филиалҳои онҳо соли равон мувофиқи роҳхати имтиёзнок 100 ҳазор мизоҷ табобат гирифтанд. Ҳафт муассисаи махсус бинобар назорати сифат аз акредитатсияи байналхалқӣ гузаштанд.

Соли 2025-ум ба соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ҷудо кардани 41 триллион сӯм пешбинӣ шудааст. Бо ин маблағ беморхонаҳои нав сохта ва муҷаҳҳаз карда мешаванд, иқтидорҳои мавҷуда вусъат меёбанд ва фарогирӣ бинобар назорати профилактикӣ зиёд мегардад.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки вазифаи асосӣ ин баланд бардоштани сифати тандурустӣ дар сатҳи ибтидоӣ ба шумор меравад. Ба Вазорати нигаҳдории тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон супурда шуд, ки дар минтақаҳо идораи самарабахши уфуқиро ба роҳ монад, эътиборро ба ноҳияҳои дурдаст ва мураккаб пурзӯр намояд.

Коршиносони Туркия дар муассисаҳои тиббӣ ва хидматрасонии тиббии шаш минтақа тадқиқот гузарониданд. Дар натиҷа бобати мунтазам ислоҳсозии хидмати аввалияи тиббиву санитарӣ ба аҳолӣ пешниҳодҳо андешида мешавад.

Ба шахсони масъул ҳамаҷониба таҳлил кардани вазъият ва омода намудани лоиҳаи қарор бинобар трансформатсияи зинаи ибтидоӣ супориш дода шуд.

Барномаи баланд бардоштани ихтисоси кормандони дараҷаи ибтидоии тиббӣ такмил меёбад. Гузариши мураттаб аз тайёрии назарӣ ба азхуд намудани навгониҳои ташаккули кордонӣ пешбинӣ мегардад.

Соли оянда низ миқдори музди маоши вазифавии кормандони тиб зиёд карда хоҳад шуд. Барои шифокорони оилавӣ тартиби пардохти иловапулӣ дар асоси нишондиҳандаҳои самарабахш ҷорӣ мегардад.

Эътибори мунтазам ба минтақаҳо идома меёбад. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳамчунин вилоятҳои Навоӣ, Самарқанд, Бухоро, Хоразм ва Қашқадарё лоиҳаҳои пилотӣ бинобар суғуртаи давлатии тиббӣ ҷорӣ карда мешаванд. Шабакаи лабораторияҳои марказонидашуда вусъат меёбад. Аз ҳисоби ташкил кардани «Маркази харид» ва 13 бахши он дар минтақаҳо назорати истифодаи таҷҳизоти тиббӣ аз тариқи низоми электронӣ амалӣ карда мешавад.

Бинобар 35 самти нав 400 ҳуҷҷати клиникӣ таҷдиди назар хоҳад шуд. Ғайр аз ин, ҳафт маркази тахассусонидашуда ва ду мактаби олӣ аз аккредитатсияи байналхалқӣ мегузаранд.

Дар машварат ба масъалаҳои тайёр кардани кадрҳо эътибори махсус дода шуд, муҳиммияти баланд бардоштани сифати таълими амалӣ дар мактабҳои олии тиббӣ, мустаҳкам кардани робитаи тарафайни байни назария ва амалия, ба роҳ мондани баландбардории таҷрибаи хатмкунандагон дар муассисаҳои зинаи ибтидоӣ таъкид гардид.

**ӮзА.**

## ҲАР ЯК КӮДАК – ДАР МАДДИ НАЗАР



*Тибқи лоиҳаи Бунёди ҷамоатии байналхалқии «Замин» шифокорони Маркази тиббии ихтисосонидашудаи педиатрияи илмию амалии ҷумҳурӣ хонандагони мактаб-интернати рақами 90-уми шаҳри Қувасойро аз назорати тиббӣ гузарониданд.*

*Дар ин ҷо бо ҳамдастии якчанд ташкилот ба 182 нафар писарону духтарон дастгоҳҳои муосири шунавоӣ тақдим карда шуд. Мутахассисон дар ҷараёни азназаргузаронии тиббӣ ҳолати натиҷабахшии дастгоҳҳои шунавоиро мавриди омӯзиш қарор доданд.*

*Бо иштироки Маркази тиббии ихтисосонидашудаи педиатрияи илмию амалии ҷумҳурӣ ва ҷамоаи филиали Маркази тиббии ихтисосонидашудаи илмию амалии тандурустии модару кӯдаки ҷумҳурӣ дар Фарғона доир ба муайян намудани нуқсонҳои қобилияти шунавоии навзодон, таъмини саривақтии кумаки тиббӣ ва реабилитатсия суҳбати давра баргузор шуд.*

***Дар акс:** рафти аз назорати тиббӣ гузарондани бачаҳо.*

***Аксбардор: М.ҚОДИРОВ (ӮзА).***

## РУШДИ СОҲИБКОРӢ – ВАЗИФАИ СТРАТЕГӢ

**_Ҳафтаи гузашта сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев бо соҳибкорон мулоқоти кушод ороста, таъкид намуданд, ки рушди соҳибкорӣ барои мо вазифаи стратегӣ буда, онҳо такягоҳи мустаҳкам ва неруи бузурги мамлакатанд. Бинобар ҳамин ба соҳибкорон муҳити оқилона барои рақобат фароҳам оварда шудааст._**

Аз ин рӯ, иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд дар Садорати вилоятии палатаи савдо ва саноат бо соҳибкорон вохӯрӣ намуда, муроҷиатҳои эшонро шунид ва ба ҳал кардан пардохт.

Масалан, соҳибкор Алишер Ҷалилов гуфт, ки дар ноҳияи Самарқанд барои табобати гирифтори бемории саратон дармонгоҳ бо 165 кат сохта, таҷҳизоти муосири ташхису табобат овардааст, аммо барои гирифтани рухсатнома ба мушкилот рӯ ба рӯ шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар вохӯрӣ муаммоҳои беш аз 250 нафар соҳибкорон ҳалли худро ёфтанд.

Гуфта шуд, ки агар масъулони соҳаи гуногун бар хилофи қонун рафтору гуфтор намоянд,ҷазои муносиб муқаррар аст.

***

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев дар маҷлиси дигар оид ба масъулияти идораҳои ҳуқуқу тартибот, масъалаҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткориҳои насли наврас ширкат кард.

– Афсӯс, ки иллатҳои зиёд асосан аз бекорӣ, пайравӣ ба филмҳои бемаънӣ ва бештар аз фориғболии волидон рух медиҳанд, – иброз дошт А. Бобоев. – Боз айби вакилони муассисаҳои ҳуқуқу тартибот, «ҳафтгонаи маҳалла» низ ҳаст. Аз ин рӯ, роҳбари ҳар як сектор мӯйсафедони маҳаллаҳо ва муаллимон ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, нуран ало нур мегардад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## КУРАШ БА БАРНОМАИ БОЗИҲОИ ИТТИҲОДИ ИСЛОМӢ ВОРИД ГАРДИД

**_Дар 13-умин Ассамблеяи генералии Ассотсиатсияи иттиҳоди варзиши исломӣ (ISSA), ки дар шаҳри Тиранаи Албания баргузор мешавад, эътироф гардид, ки варзиши миллии мо – кураш ба барномаи Бозиҳои иттиҳоди исломӣ, ки соли 2025-ум дар шаҳри Ар-Риёди Арабистони Саудӣ хоҳад гузашт, дохил карда мешавад._**

Дар он аз кишварҳои зиёди дунё вакилон, мутасаддиёни созмонҳои варзишӣ, роҳбарони федератсияҳои варзишӣ иштирок карда, навъҳои варзиши низоми Бозиҳои иттиҳоди исломӣ, ҷиҳатҳои техникиву тактикӣ, тақвими мусобиқаҳоро баррасӣ намуданд.

Мувофиқи таклифи вакилони ассамблея ва дастгирии онҳо эълон шуд, ки варзиши миллии мо – кураш ба низоми Бозиҳои иттиҳоди исломӣ ворид карда шудааст.

Дар чорабиниҳои ҷамъомади ассамблея роҳбарияти Ассотсиатсияи байналхалқии кураш якҷо бо мутасаддиёни ISSA бобати дар арсаи байналхалқӣ инкишоф додани кураш ва таъмин сохтани оммавияти он табодули афкор карданд.

Дар ҷараёни муҳокима намояндагони техникии IKA ва ISSA масъалаҳои оид ба мусобиқаҳои кураш, ба хусус тоифаҳои вазнӣ, доварӣ, қуръапартоӣ, намоишдиҳӣ, таҷҳизот, инвентарҳо ва бинобар тафсилоти дигари техникӣ гузаронидани ҷамъомади гурӯҳи дохилиро таъкид сохтанд. Дар ҳамоиш ба як қатор муоҳидаҳо муваффақ шуданд.

Навъи варзиши кураш, ки мероси ниёгонамон мебошад, ба сифати як намуди варзиши расмии низоми Бозиҳои иттиҳоди исломӣ эътироф гардид, ки инро метавон қадами муҳиме ҷониби Олимпиада ҳисобид.

**Т. РӮЗИЕВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

# ПАТРОНАЖ БА РОҲ БАРОМАД...

**_Дар мамлакатамон ба мустаҳкамсозии пойгоҳи моддиву техникии соҳаи тиб эътибори зиёд дода мешавад._**

Сарвати ҳар кишвар мардуми солиму ҳаёти фаровони онҳост. Дар ҳамаи мамлакатҳо ба масъалаи ба воя расондани насли солим аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Бо ташаббуси Президент дар кишвари мо дар соҳаи тиб, инчунин дар поликлиникаҳо ташкил намудани хидмати патронажӣ ба роҳ монда шуд. Доир ба соҳа чандин фармону қарорҳо имзо шуданд, ки мақсад ва муддаои онҳо беҳбуди саломатии аҳолист.

Ҳоло, тавре ки зикр шуд, дар поликлиникаҳои оилавӣ барои ба аҳолӣ хидмати тиббӣ расонидан бригадаҳои тиббӣ ва патронажӣ амал мекунанд. Бояд таъкид намуд, ки дар амалиёти патронажӣ ба сифати кор эътибори бештар дода мешавад. Ба ҳар ду ҳазор аҳолӣ 1 нафар шифокор, 1 нафар ҳамшира, 2 нафар ҳамшираи патронажӣ ва доя хидмати тиббӣ мерасонанд. Онҳо, яъне аъзои бригадаи тиббӣ мувофиқи нақша дар минтақаҳои вобасташуда мувофиқи рӯйхати электронӣ фаъолият мебаранд.

Соҳаи тибро бе ҳамшира наметавон тасаввур кард. Зеро ҳамшира кумакрасони шифокор, воситачии байни шифокору бемор аст. Бо аҳолӣ тамос гирифтан аз ҳамшира шуҷоат, сабр ва меҳрубониро талаб мекунад. Вазифаи асосии вай аз субҳ то шом ба минтақае, ки вобаста шудааст, бо беморон ва заноне, ки аз таваллудхона омадаанд, суҳбат кардану маслиҳатҳои зарурӣ додан, саломатии модару кӯдакро аз назар гузаронидан аст.

Маҳмуда Йӯлдошева аз ҳамшираҳои пешқадами поликлиникаи оилавии 48-уми ноҳияи Чуст ба шумор меравад. Дар ин соҳа собиқаи 30 сола дорад. Ӯ дар ин маскани тиббӣ патронаж-ҳамшира шуда кор мекунад.

Барои маълумот бояд гуфт, ки дар ин маскан 10 бригадаи тиббӣ фаъолият мебаранд. Дар 5 маҳаллаи деҳа қариб 20 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Саломатии ҳар яки онҳоро муҳофаза намудан вазифаи асосии шифокорону патронажҳо ба шумор меравад.

– Пагоҳӣ пеш аз оғози кори амалӣ дар қабули сарҳамшира нақшаи кории худро маълум ва баъд ба фаъолият шурӯъ мекунем, – мегӯяд Маҳмуда. – Ба оилаҳое, ки кӯдаки навтаваллудшуда доранд, рафта аз саломатии модару фарзанд хабардор мешавем. Ба модари кӯдак маслаҳат ва тавсияҳои тиббӣ медиҳем. Дар ҷараёни кор бо занони ҳомила ва касоне, ки бепарасторанду танҳо истиқомат мекунанд, ё ин ки маълӯланд, ҳамсуҳбат шудану кӯмак расондан низ вазифаи мост.

Ман дар кӯчаи Сиёби маҳаллаи Янгичак ба 1024 нафар аҳолӣ вобаста шудаам. Дар қаламрави ман 3 нафар бепарастор, 12 ногиро ва 54 куҳансолон ҳастанд.

– 12 сол пеш бо ташхиси полиартрит бемор шуда, дар поликлиникаи оилавии 48-ум ба рӯйхат гирифта шуда будам, – мегӯяд бемори 46 солаи гурӯҳи 2-юми маъюбӣ Нигора Бойбобоева. – Сари вақт муолиҷа мегирам. Шукр, рӯз аз рӯз саломатиам беҳ мегардад. Нафақат ҳамшираи патронаж, балки шифокор Зебо Раҳимова низ аз ҳолати ман зуд-зуд хабардор мешаванд, аз поликлиника доруҳои заруриро меоваранд.

«Ҳар як сухани ширини шифокор мисли доруст», гуфтаанд. Ба фикрам, ин суханҳои нек дар бораи шифокорони мо гуфта шудааст. Шифокор ва патронажҳо ҳар рӯз аз ҳолам хабардор шуда, дили маро «мебардоранд», маслиҳатҳои лозимӣ медиҳанд. Ҳар як сухани ҳамшира ба кайфиятам таъсири хуб мебахшад. Хулоса, шабу рӯз парвонаанд онҳо. Ҳар сол як ёки ду маротиба бо «ордери тиббӣ» дар реабилитатсияи вилоятӣ табобат мегирем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Намангон.**

## Иқдоми нек

**_Бо ташаббусу дастгирии Сарвари давлатамон лоиҳаи байналмилалии «Макони сабз», ки се сол қабл аз ин оғоз шуд, ба ҳаракати оммавӣ табдил ёфт._**

# АЗ АРЗИШ БА ӮҲДАДОРӢ



Дар чорчӯбаи лоиҳаи мазкур ҳар сол 200 миллион бех шинондани ниҳолҳои гуногуни меванок ва манзаравӣ пешбинӣ шудааст.

Дар вилояти Самарқанд низ дар чорчӯбаи лоиҳаи байналмилалии «Макони сабз» баҳри корҳои фоидабахши ободу зебо гардидани шаҳру ноҳияҳо ҳама камарбаста ҳастанд.

– Танҳо соли гузашта 11 миллиону 610 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва сояафкану манзаравӣ шинонда шуд, ки нисбати нақша хеле зиёданд, – гуфт котиби матбуоти садорати тағйироти иқлим, ҳифзи муҳити зист ва экологияи вилоят Шералӣ Искандаров. – Инчунин дар фасли танги тирамоҳ 6 миллиону 125 ҳазор бех ниҳол шинонда, зераш шохобчаҳои обгузар ва чакраобдиҳӣ ба фарҷом расид. Дар баъзе ҷойҳо баъди ба поён расидани маъракаҳои кабудизоркунӣ ниҳолҳо хушкида, ба оташдону танӯрҳо сӯзишворӣ шудаанд. Дар доманакӯҳҳои Зарафшон чун Оҳалик, Миронқул, Оқсой, Камонгарон ва дигар ҷойҳо, ки бо роҳи ҳашар ниҳолшинонӣ шуд, ба манбаъҳои озуқаворӣи бузу гӯсфанд, яъне чорво табдил ёфтаанд. Барои минбаъд чунин ҳолатҳои номатлуб пайдо нашудан, шахсони масъул таъин кардем, ки ниҳолҳо сабзанд, боғу бӯстон пайдо шаванд.

Дар шаҳру ноҳияҳо боғҳои навро бо номҳои «Боғи Ӯзбекистони Нав», «Боғи ҳокимият», «Боғи модарон», «Боғи ҷавонон» бунёд кардем, ки ҳудуди онҳо гуногунанд. Албатта, сабзонидани ниҳолҳои дарахтон зери назорат қарор хоҳад гирифт.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳудуди ноҳияи Самарқанд партовгоҳ вуҷуд дошта, дар ин манзил низ ниҳолшинонӣ дар авҷ аст. Бинобар ҳамин корхонаҳои саноатӣ, ки дар ин минтақа фаъолият доранд, масъули тадбири хайр мебошанд.

Умуман дар вилояти Самарқанд барои нигаҳдории боғу бӯстон ва гулгаштҳои навбунёд 47 техникаи пуриқтидор, садҳо нафар шахсон ҷалб шудаанд ва 36 чоҳ кофта об баровარданд, ки дар фасли тобистон хушк нашаванд. Зеро «Макони сабз» на танҳо кабудизоркунӣ, инчунин бо корҳои фоидабахш машғул шудани мардум аст.

Оре, ҳамин тариқ, бо ташаббуси сарвари давлатамон соли 2025 «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» эълон гардид, ки бешубҳа барои ҷаннати рӯйи Замин табдил ёфтани Ӯзбекистони Нав хидмат хоҳад кард.

Ёд дорам, солҳои таҳсил дар синфи ибтидоӣ гоҳ-гоҳ ба ҳавлии модаркалонам Саодатбибӣ рафта, дар боғи биҳиштосои ӯ сайру гашт мекардем. Дар рӯйи ҳавлиашон дарахти зардолу қад кашида буд. Боре мо, бачаҳои шӯху беқарор, мусобиқакунон шохи онро шикаста ба ғӯрачинӣ пардохтем. Раҳматӣ модаркалонам омада, бо афсӯс сар ҷунбонда гуфтанд, ки агар ман дасти туро шиканам, чӣ мешавад?

Моён бо тааҷҷуб ба якдигар нигаристем.

– Бечора дарахт ҳам ҷон дорад, вале забон не, – ба фаҳмондан пардохта шохи шикастаро бо латтапора бастанд, – Худованди меҳрубону ғамхор ҳама чизро мебинад. Ҷойи одами гунаҳкор дӯзах! Ба ту насиҳат, минбаъд ту ва ана ин додарат ниҳол шинонед, ки Парвардигори раҳмдил бахшанда аст. Инро аз қадрият ба маҷбурият гузаштан мегӯянд.

Аз ин воқеа беш аз 60 сол гузашт ва моён ҳамон бо бунёди боғ машғул ҳастем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# СӮХТОР БЕҲУДА САР НАМЕЗАНАД

– Аксари сӯхторҳо бар асари беэҳтиётӣ сар мезананд. Шукр, ки ба туфайли сайъ ва талоши кормандони мо ҷони қисмати аъзами сокинони хонаву ҳавлиҳои ба коми оташ фурӯрафта амон мемонад, аммо молу мавод якҷо бо чӯбу тахтаҳои сақфу фарши хонаҳои зиёд ба хокистар мубаддал мегардад, – мегӯяд зимни суҳбат сухангӯи раёсати вазъиятҳои фавқулодаи вилояти Фарғона, капитан Аҳлиддин Алиҷонов.

Ба таъкиди ӯ бархе аз сӯхторҳо дар натиҷаи бе назорат гузоштани кӯдакону наврасон сар задаву оқибатҳои ногувореро низ ба бор меорад. А.Алиҷонов мегӯяд, иддае аз падару модарон дар ин маврид масъулияти дуруст ҳис намекунанд ва ҷони фарзандони худро дар хатар мегузоранд.

Ҳамсуҳбати мо изҳор намуд, ки дар давоми 11 моҳи соли 2024 дар самти таъмини иҷрои фармону супоришҳои вазири ҳолатҳои фавқулода ва зерсистемаҳои функсионалӣ ва минтақавии он кормандони идораи сӯхторхомӯшкунӣ корҳои фаровонеро ба амал баровардаанд.

Тибқи фармони вазири ҳолатҳои фавқулода аз 7 сентябри соли 2019 ва нақшаи солонаи тасдиқнамудаи сардори раёсат барои соли 2024 дар давоми 11 моҳи гузашта бо ҷалб намудани звеноҳои наҷотбахш оид ба хомӯш кардани сӯхтор дар корхонаю ташкилотҳои калони истеҳсолӣ, инчунин объектҳои ниҳоят муҳим ва махфии дорои аҳамияти давлатӣ 188 тамрин, 964 машғулияти шабонаю рӯзона гузаронда шуд.

Гуфта шуд, ки дар ин муддат дар вилоят 788 ҳодисаи сӯхтор ба қайд гирифта шуд ва он нисбат ба ҳамин давраи як соли пеш 3,3% кам мебошад. Дар соли 2024 шумораи қурбониёни сӯхтор 2 нафарро ташкил дод ва ин нишондиҳанда низ нисбат ба соли гузашта теъдоди камро ташкил медиҳад.

Шумораи санҷишҳои иловагии зидди сӯхтор дар объектҳои субъектҳои хоҷагидорӣ 1 ҳазору 83 ададро ташкил намуд ва ба роҳбарони он тавсияҳои зарурӣ дода шуд. Дар рафти чорабиниҳои назоратӣ дар ин давра 8 ҳазору 337 нафар, аз ҷумла 3 ҳазору 659 нафар шахсони мансабдор ва 4 ҳазору 678 нафар шаҳрвандон барои риоя накардан ба қоидаҳои бехатарии сӯхтор 177 миллион сӯм ҷарима супурдаанд. Инчунин 2 ҳазору 864 ҳуҷҷати марбут ба қонуншиканиҳо дар соҳаи бехатарии сӯхтор



барои баррасӣ ба судҳои маҳаллӣ фиристода шудааст.

– Мо бо ин корҳо иктифо нанамудем. Тибқи нақшаи Вазорати ҳолатҳои фавқулода дар давоми 11 моҳ дар ҳудуди вилоят 10 тамрини махсуси тактикӣ гузаронидем. Дар машқҳои таълимӣ беш аз 2 ҳазор ҳайати шахсии сохторҳои ВВИ ва 142 техникаи тахассусӣ ва муҳандисӣ ҷалб карда шуданд.

Дар сомонаҳои вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар бозорҳо, ярмаркаҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин 15 ҳазору 783 маротиба доир ба пешгирӣ аз сӯхтор чорабиниҳо, эълонҳо ва даъватҳо ба вуқӯъ пайвастанд, – изҳор намуд Аҳлиддин Алиҷонов.

Ногуфта намонад, ки 205 ҳодисаи риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ҳангоми истифодаи асбобу таҷҳизоти барқӣ, даҳҳо ҳолати нодуруст истифода бурдани печҳои гармидиҳӣ, 181 ҳодисаи бидуни эҳтиёт истифода бурдани оташи кушод, 17 ҳодисаи риоя накардани қоидаҳои бехатарии сӯхтор ҳангоми истифодабарии нақлиёт, 20 ҳодисаи бо оташ бозӣ кардани кӯдакони хурдсол ва 205 ҳодисаи рух додани сӯхтор бо сабаби ҳодисаҳои гуногун арзёбӣ гардиданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**_Гурӯҳи мутахассисони баландпояи ва намояндагони мақомоти иҷроия ва интизомии вилояти Қашқадарё барои санҷидани ҳолати омодабош ва бехатарии биноҳои маъмуриву иҷтимоии шаҳри Қаршӣ ба рейд – санҷишоти шабона баромаданд._**

# РЕЙДИ ШАБОНА ҒОФИЛГИР КАРД

Онҳо аз ҳолати воқеии як идда ташкилоту идораҳои иҷтимоӣ, ба монанди бемористон, таълимгоҳ ва хобгоҳҳою макони будубоши пиронсолон дидан намудаву хулосаҳои зарурӣ бароварданд. Гурӯҳи санҷишгаронро сардори Саридораи ҳолатҳои фавқулодаи вилоят полковник Ф. Мирзоев роҳбарӣ кард. Ин санҷишот дар ҳоле рӯи кор омад, ки дар саросари минтақа сармоҳои зимистон расидаву рӯзҳо шадидан сард мешаванд ва табиист, ки бозори истифодаи энергияи гармидиҳиро дар байни мардум чаққон месозад. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки аксари ҳолатҳои нохуш шабона сар зада, боиси талафоти молию ҷонӣ шудаанд. Зеро баъзе шаҳрвандон барои раҳоии ҷони худу пайвандонашон аз сармои таҳдидгар истифодаи воситаҳои дастисохти гармидиҳандаро авло медонанд ва ба қоидаҳои бехатарӣ риоя карданро фаромӯш месозанд. Дар чунин ҳолатҳо воқеоти нохуши марбут ба оташсӯзӣ ба амал омада, хисороти зиёд мерасонанд.

– Рейди шабона воқеан ногаҳонӣ буд ва аксари кормандони идораҳоро ғофилгир кард. Фикр мекунам, барояшон дарси хубе ҳам шуд, – таъкид намуд полковник Ф. Мирзоев.

Маълум гашт, ки ин гуна санҷишот хеле муфид буда, барои гирифтани пеши роҳи ҳар гуна ҳодисоти нохуш хидмат мекунанд.

Санҷишоти шабонаи мазкурро намояндагони ҳокимияти шаҳри Қаршӣ ва додситонӣ ҳамроҳӣ доштанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Қашқадарё.**

## ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО ШУҒЛИ ДОИМӢ

**_Дар маҷлисгоҳи ҳокимияти ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ доир ба масоили коҳиш додани нодорӣ ва таъмин кардани аҳолӣ бо шуғли доимӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ҷамъомад баргузор гардид._**

Дар ҷамъомад вакилони ҳокимиятҳои вилоят ва ноҳия, роҳбарони муассиса ва ташкилотҳо иштирок намуданд. Ҳамчунин ҳисоботи роҳбарони бонкҳои тиҷоратӣ дар алоқамандӣ ба фаъолияти шаҳрвандони ноҳия шунида шуд.

Мутасаддиён пас аз ҷамъомад аз фаъолияти чандин корхонаи оилавии ноҳия боздид ба амал оварда, дар бораи ҳаллу фасли мушкилот ва боз ҳам васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолоти корхонаҳо, ки дар ин замина чанд нафар бо шуғли доимӣ таъмин мегарданд, маслиҳатҳо доданд.

Инчунин ба роҳбарони маҳаллӣ дар бораи зиёд намудани корхонаҳои оилавӣ, ки дар коҳиш додани нодорӣ ва таъмин кардани аҳолӣ бо шуғли доимӣ аҳамияти бештар доранд, супоришҳо дода шуданд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

## БАҲСИ ЗЕҲНИИ «ЗАКОВАТ»

**_Дар Маркази ахбору китобхонаи ноҳияи Чуст байни донишомӯзони синфҳои нӯҳуму даҳуми таълимгоҳи миёнаи умумии рақами 74-ум бо ҳамкории Маркази ахбор-китобхона ва пешбарии ҷавонони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Наврӯз баҳси зеҳнии «Заковат» ба вуқӯъ омад._**

Дар он хонандагони фаъол иштирок намуданд.

Саволҳо аз фанни таърих, фалсафа, техника, биология, тиб, одобнома, умуман, аз ҳама соҳа буданд.

Баҳси зеҳнии «Заковат» зери роҳбарии ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои маънавию маърифатӣ Наргиза Ғаниева бо барандагии муаллими фанни ҳуқуқшиносӣ Собитхон Алихонов бо шавқу завқ гузашт.

Дар он дастаҳои «Омад», «Лочин» ва «Афлотун» холҳои аз ҳама баландро ба даст оварданд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

## НАМОИШИ АКСҲО – «ПАРИЖ – 2024»

**_Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоишгоҳи аксҳо бо номи «Як мактаб – нигоҳи ҳарранга» доир шуд, ки ба фаъолияти фоторассом ва фотожурналисти маъруф Ҳусниддин Ато ва шогирдони ӯ бахшида шудааст._**

Ҳусниддин Ато дар Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ӯзбекистон ба донишҷӯён аз фанни фотожурналистика дарс медиҳад. Ӯ дар ин соҳа дар байни ҷавонон истеъдодҳои зиёдеро кашф кардааст. Ҳамчунин, суратгир барои шахсони гаронгӯш курсҳои махсуси аксбардорӣ ташкил намуда, ба як зумра ҷавонон барои суратгири касбӣ шудан кумак мерасонад.

Бисёре аз намунаҳои эҷодиёти шогирдони ӯ дар сомонаҳои интернетии кишварамон нашр мешаванд.

Дар намоишгоҳ бар асоси анъанаи «Устод-шогирд» беҳтарин асарҳои Ҳусниддин Ато оварда шудаанд, ки равандҳо, пирӯзӣ ва эҳсосоти Бозиҳои паралимпии «Париж – 2024»-ро тасвир мекунанд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

## НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН:

# ИМТИЁЗҲО БАРОИ КӢ?

**_Дар солҳои истиқлолият чун дигар соҳаҳо нақлиёти роҳи оҳан хеле вусъат ёфт. Дар баробари пойтахт ва маркази маъмурии вилоятҳо дар ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ бинои вокзалҳои замонавӣ ба сифати дарвозаи роҳҳои оҳани мамлакатамон қомат афрохт. Оре, вокзалҳое, ки барои мусофирони синну соли гуногун, алалхусус барои мӯйсафедон, ногироҳо ва занҳои кӯдакдор молик ба ҳар гуна қулаиҳоянд, дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳоло хеле зиёданд ва бо шукӯҳу зебоияшон ба ҳусни диёрамон ҳусни нав зам менамоянд. Ҳар яке аз ин вокзалҳо симои ба худ хос доранд ва ба талаботи байналхалқӣ пурра ҷавоб медиҳанд. Сайёҳон ё зиёратгароне, ки алалхусус ба Бухорову Самарқанд, Хеваю Тирмиз барин шаҳрҳои таърихиамон сафар менамоянд, ба шароити дар роҳҳои оҳани он ҷойҳо офаридашуда баҳои муносиб медиҳанд._**



Ҷиҳати барпои сохтори яклухти нақлиёти роҳи оҳан, даҳлезҳои нақлиётӣ, бунёди асосҳои мошинсозии вазнин дар ҷумҳурӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари марбут ба барномаи модернизатсияи роҳи оҳан эътибори махсус равона гардида, ҳаракатҳои собитқадамона дар ин самт самараи худро мебахшанд.

Поездҳо баъзе вақтҳо тавассути ангиштсанг ба ҳаракат андохта мешуданд ва коргарон маҷбур буданд аз ҳавои заҳролуд нафас кашанд. Алъон масъалаи экологӣ низ дар маркази диққат буда, тавассути барқ ҳаракатсозии қатораҳо баробари таъмини бехавфии экологӣ бисёр камхарҷ ҳам мебошанд. Электрикониии роҳҳои оҳани кишвар дар солҳои охир ба дараҷаи нав баромад. Электропоездҳо алъон нуқтаҳои зиёд дар қаламрави ҷумҳуриро ба ҳам мепайванданд. Дар натиҷаи ба амал бароварда шудани лоиҳаҳои марбут ба электрикониии роҳҳои оҳан харҷи истифода аз қаторҳо тақрибан аз чаҳор як ҳисса кам шудааст. Вобаста ба ҳамин сӯзишвории дизел сарфа мегардад. Дар сарфаи вақт, яъне зудтар ба манзил расондани бор ва мусофирон, айни замон қулайӣ ва имкониятҳои мусоид фароҳам меоянд.

Дар баробари барпои роҳҳои нави оҳан ва вокзалҳо роҳҳои филизӣ модернизатсия мегарданд. Ҳуҷҷатҳои қонунӣ марбут ба рушди инфрасохтор, сохтмони нақлиёт ва коммуникатсия, ки кайҳо боз татбиқ карда мешаванд, дар ҳалли бисёр масъалаҳои муҳим ва истиқболнок чун дастуруламал хидмат менамоянд.

Истиқболнок будани фаъолияти ширкати «Ӯзбекистон темир йӯллари» кайҳо исбот шудааст. Хидмати он дар баробари қонеъ гардонидани эҳтиёҷи боркашонӣ ва ба манзил расонидани мусофирон, барилова, боз ҳам равнақ бахшидани сохтори коммуникатсионӣ дар мамлакатамон қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ҳоло дар поездҳои мусофиркашон, инчунин дар қатораҳои электрикии баландсуръати «Афросиёб» низ барои мусофирони маъюб ҷойҳои махсус ҷудо карда шудаанд, ки ин ҷойҳо бо курсӣ ва таҷҳизотҳои махсус муҷаҳҳаз карда шудааст. Дар истгоҳҳо низ аробачаҳои маъюбӣ барои чунин мусофирон истифода мешаванд.

Чандин вагоне, ки азнав таъмир мешаванд, барои шахсони имкониятashон маҳдуд мутобиқ гардонда мешавад.

Дар соҳа ба омодасозии кадрҳои малаканок эътибори ҷудогона дода мешавад. Танҳо дар Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд алъон зиёда аз 21 ҳазор донишҷӯён таҳсил менамоянд. Қисми муайяни кадрҳое, ки омода мегарданд, оянда дар соҳаи роҳи оҳан мустақилона фаъолият хоҳанд бурд.

Чанде пеш роҳбари давлати мо дар муаррифии ҷараёнҳои трансформатсионӣ дар ширкатҳои давлатии соҳаҳои роҳҳои оҳан ва авиатсия шинос гардид.

Дар рӯнамоӣ таъкид ёфт дар шароити кунунии мураккаби замон аҳамияти роҳҳои нақлиёт, аз ҷумла, нақлиёти роҳи оҳан боз меафзояд. Интизор меравад маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то соли 2030 ба 200 миллиард доллар расонда шавад. Президентамон гуфт дар ин самт роҳҳои нақлиётӣ аҳамияти муҳим касб менамоянд.

Дар таҳрири нав Қонун «Дар бораи нақлиёти роҳи оҳан» қабул гардид, ки татбиқи амалии он ба рушди инфрасохтор дар соҳа мусоидат хоҳад кард.

Ҳоло 6 поезди тезгард ва 30-то электропоезд байни шаҳрҳои диёрамон равуо доранд. Яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳа афзун гардондани саҳми корхонаҳои нақлиётиву экспедитории маҳаллӣ дар боркашонии байналхалқист.

Киҳо дар нақлиёти роҳи оҳан аз имтиёзҳо истифода бурда метавонанд?

Мувофиқи моддаи 22-юми Қонун «Дар бораи нақлиёти роҳи оҳан» (27 ноябри соли 2024) чиптаҳо ба пассажирон ба арзиши пурра фурӯхта мешаванд. Мувофиқи қонунгузорӣ танҳо ба шаҳрвандони баъзе тоифаҳо дар хариди чипта имтиёзҳо муайян карда шудаанд.

«Ӯзбекистон темир йӯллари» ба муносибати фарорасии Соли нав барои донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ таҳсил менамоянд, ба нархи чиптаҳо тахфиф эълон намуд.

Тахфиф аз 23 декабр то 10 январ давом менамояд ва донишҷӯён метавонанд танҳо 50 фоизи роҳкироро пардозанд, (электропоезди тезгарди «Афросиёб» ва вагонҳои CV/VIP класс аз ин мустасноост).

Ин гуна имтиёз барои донишҷӯёнро «Uzbekistan Airways» низ барои авиапарвозҳои маҳаллӣ эълон намудааст.

Шаҳрвандон метавонанд аз саҳифаҳои интернетии «Ӯзбекистон темир йӯллари» маълумотҳоро оиди нархи чипта, имконияту имтиёзҳои он дастрас намоянд.

Ба ташкил ёфтани ҶС «Ӯзбекистон темир йӯллари» 30 сол пур гашт. Айни замон аз ҷониби ин ҷамъияти саҳҳомӣ, тавре дар боло ишора рафт, бобати тараққӣ додани коммуникатсияи нақлиёт, боз ҳам беҳтар намудани сифати корҳои боркашонӣ ва бамензилрасонии аҳолӣ корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Дар мавзӯи муҳим*

# АНГУШТИ ҲАЙРАТ МЕГАЗЕМ!

***Дар поёни мақола таҳти унвони «Масъулони вазорат дуруст мегӯянд ё садорат?» (№102, «Овози тоҷик», 21 декабри соли 2024) таъкид кардем, ки «амиқии факту аснод ва маълумотҳо дар ҳама соҳа, аз ҷумла, дар фаъолияти ташкилотҳои таълими томактабӣ, ки пойдевори асосии таълиму тарбия маҳз дар ин зина гузошта мешавад, аҳамияти калон дорад. Илова бар ин, дар самти таълими томактабӣ, забони машғулиятҳои таълимиву тарбиявӣ, таъмини онҳо бо маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ низ муҳим аст».***

Ин бесабаб набуд. Чунки дар хати расмие, ки таҳти рақами 88 (5 ноябри соли 2024) ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ фиристодем, саволи «Забони таълим ва тарбияи ташкилотҳои таълими томактабӣ дар асоси кадом меъёрҳо муқаррар мегардад?»-ро ба миён гузошта будем.

Ҷонишини вазир Ф.Боқиев дар номаи худ таҳти рақами 04-22-3777 (25 ноябри соли 2024) ба ин савол чунин посух додааст: «Мувофиқи моддаи 5-уми Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон» фаъолияти ташкилотҳои таълими томактабӣ дар забони давлатӣ, дар ҷойҳое, ки гурӯҳҳои миллӣ зич истиқомат мекунанд, бо забони онҳо ташкил гардида, раванди таълиму тарбияи онҳо дар асоси Барномаи давлатии таълимии «Илк қадам» амалӣ мегардад».

Аз ин маълумоти масъулон метавон чунин хулоса кард: дар ҷойҳое, ки гурӯҳҳои миллӣ, яъне намояндагони миллатҳои қароқалпоқ, қазоқ, тоҷик, қирғиз ва ғайра зич истиқомат мекунанд, фаъолияти ташкилотҳои таълими томактабӣ бояд бо забони онҳо ташкил карда шавад. Аммо масъулон дар амал ба ин талаботи қонун то чӣ ҳад риоя мекунанд?

Масалан, дар 27 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона қариб 85 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар мебаранд, ки беш аз 98 дарсади онҳо тоҷиканд. Бино ба маълумоти мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Фозилҷон Мирзоев ҳоло дар ноҳия 33 мактаби таҳсилоти умумӣ (5-тои он мактаби ихтисосонидашуда) фаъолият доранд. Тибқи ҳолати оғози соли таҳсили 2024-25 дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия 17929 нафар донишомӯзон таҳсил мегиранд.

Таълим дар мактабҳо ба ду забон – тоҷикӣ ва ўзбекӣ. Дар 14 мактаб таълим танҳо ба забони тоҷикӣ, дар 15 мактаб бо забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ. Дар як мактаб таълим ба забони ўзбекӣ ҷараён дорад, ки дар он бештар фарзандони афсарону сарбозони қисмҳои марзбонӣ таҳсил мекунанд. 16 ҳазору 30 нафари донишомӯзон дар 640 синф ба забони тоҷикӣ ва 1 ҳазору 899 нафари боқимонда дар 95 синф ба забони ўзбекӣ мавриди омӯзишу парвариш қарор гирифтаанд.

Аммо аз рӯйи маълумоти вазорат дар 29 ташкилоти таълимии томактабӣ ва 39 кӯдакистони оилавии ноҳия раванди таълиму тарбия на бо тоҷикӣ, балки бо дигар забонҳо роҳандозӣ шудааст.

– Кӯдакистони мо чанде пеш ба истифода супорида шуд, — иброз дошт мудири ташкилоти давлатии таълими томактабии рақами 30-юми ноҳия Лайло Мамадҷонова. – Дар кӯдакистон, ки хуштарҳу замонавист ва дорои шароитҳои зарурӣ мебошад, ба 120 нафар кӯдакони синни томактабӣ 8 нафар тарбиядиҳандагон таълиму тарбия медиҳанд. Азбаски мардуми маҳаллӣ ҳама тоҷикзабонанд, мехоҳем машғулиятҳоро пурра бо забони тоҷикӣ гузаронем. Аммо бо ин забон маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ надорем. Инчунин, норасоии бозичаҳои кӯдакона, асбобҳои аёнӣ, мусиқӣ, муҳимтар аз ҳама, китобҳои шеъру афсона, чистону тезгӯякҳо ва барои фаъолияти боғча компютеру принтер мушкилоти асосӣ мебошад. Кош, масъулони соҳа дар бартарафсозии ин камбудиҳо ба мо кумак мекарданд.

Чунин ҳолатро дар ташкилоти давлатии таълими томактабии рақами 17-уми деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ҳам дидан мумкин аст. Дар ин кӯдакистон беш аз 70 нафар фарзандони хурдсоли се деҳа – Эҷ, Сойхурд ва Симбулоқ бо таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Мардуми ин деҳаҳо тоҷиканд, вале кормандони боғчаи бачагона дар даст маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеии тоҷикӣ надоранд ва ин ҳолат дар раванди корбарии онҳо мушкилиҳоро ба миён оварда, боиси эътирози барҳақи на танҳо кормандон, балки омӯзгорони мактабҳо ва мардуми маҳаллӣ мешавад (дар мавриди мушкилоти маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ дар кӯдакистонҳо дар мақолаи дигар маълумот хоҳем дод).

Масъулони вазорат ин ҳолро чӣ гуна тавзеҳ медиҳанд?

Акнун рӯ меорем, ба маълумотҳои дигари статистикӣ, ки дар бахши «Таълим»-и саҳифаи расмии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ ҷойгир шудааст.

Дар ин бахш дар бораи забони таълим дар мактабҳои таълими умумии ҷумҳурӣ дар соли таҳсили 2023-24 маълумоти оморӣ оварда шуда, тибқи он ҳоло таълим дар мактабҳои ҳамагонии кишварамон бо забонҳои ўзбекӣ (9468 мактаб), русӣ (972 мактаб), қароқалпоқӣ (377 мактаб), қазоқӣ (358 мактаб), тоҷикӣ (242 мактаб), қирғизӣ (47 мактаб) ва туркманӣ (41 мактаб) ҷараён дорад.

Мувофиқи маълумоти статистикие, ки дар ҳамин бахш дар бораи теъдоди донишомӯзон аз рӯйи тамоми забонҳои таълимӣ дар мактабҳои ҳамагонӣ (дар соли таҳсили 2023-24) оварда шудааст, дар мактабҳои ҷумҳурӣ ҷамъ 6476091 нафар донишомӯз, аз ҷумла, 5549775 нафар бо забони ўзбекӣ, 666443 нафар бо русӣ, 126316 нафар бо қароқалпоқӣ, 64902 нафар бо тоҷикӣ, 50439 нафар бо қазоқӣ, 7431 нафар бо қирғизӣ ва 10785 нафар бо забони туркманӣ таълим мегиранд.

Вақте теъдоди мактаб ва шумораи донишомӯзони мактабҳоеро, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият доранд, бо гурӯҳ ва адади тарбиягирандагони кӯдакистонҳо, ки ҷараёни таълиму тарбия бо ин забонҳо роҳандозӣ шудааст, муқоиса мекунем, беихтиёр ангушти ҳайрат мегазем.

Масалан, дар 358 мактаб 50439 нафар хонанда бо забони қазоқӣ дониш меандӯзанд. Дар ҳоле ки дар кӯдакистонҳои саросари ҷумҳурӣ ҳамагӣ 131 нафар тарбиягирандагон (аз рӯйи маълумоти вазорат) бо ин забон таълиму тарбия мегиранд. Нуктаи дигар: дар 122 мактаби вилояти Тошканд дарсҳо бо забони қазоқӣ амалӣ гардида, дар онҳо 22376 нафар таҳсил мегиранд. Аммо дар ягон ташкилоти таълими томактабии ин вилоят ҷараёни таълиму тарбия бо қазоқӣ роҳандозӣ нашудааст.

Ё дар 242 мактаби таълими ҳамагонии ҷумҳурӣ 64902 нафар хонандагон бо забони тоҷикӣ таълим мегиранд. Аз ин шумор дар 137 мактаб таълим пурра ба забони тоҷикӣ аст. Лекин масъулони вазорат мегӯянд, ки дар кӯдакистонҳои мамлакат танҳо 249 нафар (ҳатто ба як фоиз намерасад) дар гурӯҳҳое, ки раванди таълиму тарбия тоҷикӣ аст, фаро гирифта шудаанд. Аммо ин маълумот то чӣ андоза дуруст аст, барои мо номаълум. Чунки аз рӯйи маълумотҳое, ки садоратҳои минтақавӣ ба мо тақдим карданд, дар вилоятҳо (манзури мо вилоятҳое мебошад, ки вазорат дар маълумоти худ овардааст ва дар ин бора дар мақолаи пешина гуфтем) гурӯҳҳои тоҷикӣ вуҷуд надоранд.

Ё худ дар 38 мактаби Қароқалпоқистон ва 3 мактаби вилояти Хоразм ҷамъ 10785 нафар донишомӯз бо забони туркманӣ асрори илм меомӯзанд. Аммо дар ягон кӯдакистони ҷумҳурӣ ҷараёни таълиму тарбия бо забони туркманӣ нест.

Савол: чаро теъдоди гурӯҳҳои кӯдакистонҳо, ки бо забонҳои бародарӣ кор мебаранд ва шумораи тарбиягирандагони онҳо аз миқдори мактабҳои бо ин забонҳо фаъолияткунанда бениҳоят кам аст? Оё фарқ кардани забони таълиму тарбия дар кӯдакистонҳо аз забони таълим дар мактабҳои ҳамагонӣ ба рушди равонӣ, зеҳнӣ ва дарсазхудкунии кӯдакон таъсир намерасонад? Дар ин маврид мутахассисони соҳа чӣ мегӯянд?

Мо албатта ба ин мавзӯъ боз бармегардем.

**Бахши мактаб ва маънавияти «Овози тоҷик».**

*ПАЙВАНД*

# РАҲНАМО БА ОЛАМИ МУСИҚИИ СУННАТИЮ ХАЛҚӢ




Мусиқии мардумони Шарқ сеҳрангез ва пурасрор аст. Шояд аз ҳамин сабаб асарҳои илмӣ дар бораи пайдоиш ва зинаҳои инкишофи мусиқӣ дар саҳни таърих нисбат ба дигар соҳаҳои илму фарҳанг каманд. Мо дар ин ришта, ғайр аз чанд асари мутафаккирони асрҳои миёна, аз қабили «Рисолаи мусиқӣ»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, «Китоб-ул-мусиқа ал-кабир», «Калом фи-л мусиқӣ»-и Абунасри Форобӣ, «Рисолатун аш-Шарафия»-и Сафиуддин ал-Урмавӣ, «Рисолаи мусиқӣ»-и Дарвешалии Чангӣ дигар сарчашмаҳоро намедонем. Аммо шукр мекунем, ки мусиқии арзишманди халқамон ба шарофати эҷодиёти шифоҳии мардум, бино ба анъанаҳои таълимии «устоду шогирд» аз асрҳои миёна то замони мо омадаанд. Вагарна чӣ гуна аз мактабҳои Шашмақомсароӣ, Фалаксароӣ, Гӯрӯғлихонӣ ва амсоли инҳо дарак меёфтем. Ростӣ, дар солҳои 80-90-уми қарни гузашта, агар дар мисоли Ўзбекистон гирем, муносибат ба мусиқии суннатӣ каме суст шуд. Худам гувоҳ будам, ки яке аз сарояндагони сурудҳои эстрадӣ «Шашмақом»-ро суруди маросими дафн гуфта буд. Дар барномаҳои телевизионӣ сурудҳои «Шашмақом» аҳён-аҳён садо медоданд. Шукр, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳу эътибор ба мусиқии миллӣ афзуд, ҷашнвораҳои бошукӯҳ мегузарондагӣ шудем, дар консерватория факултети махсус кушода шуд, ниҳоят Донишкадаи санъати мусиқии миллии ба номи Юнус Раҷабӣ таъсис ёфт.

Сир нест, ки мусиқии суннатии халқҳои тоҷику ўзбек тавъаманд, онҳо аз як сарчашма об хӯрда, тӯли қарнҳо аз якдигар рангу мазмун гирифта ғанӣ мегарданд. Аз ин дидгоҳ назар афканем, дар Тоҷикистони бародарӣ низ барои рушди мусиқии миллӣ, баланд бардоштани мавқеи ҳунари мусиқии суннатӣ, хусусан «Шашмақом» ва «Фалак», чораву тадбирҳои судбахш андешида мешаванд. Билхоса, дар роҳи омӯзишу талқини эҷодиёти мусиқии халқи тоҷик қадамҳои муҳим гузошта шудаанд. Дар ин ҷода саҳми номзади илмҳои санъатшиносӣ, мутриб ва омӯзгор, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Султоналӣ Худойбердиев назаррас аст.

Чанде пеш ду китоби арзишманди ӯ зери унвонҳои «Эҳёи мактабҳои суннатӣ – асолати ҳувияти мусиқии миллӣ» ва «Эҷодиёти мусиқии халқи тоҷик» (мусиқии фолклорӣ) ба дасти мо расид, ки бешубҳа ҳар ду асар барои донистани асари мусиқии Шашмақом ва анъанаҳои мусиқии халқи тоҷик дар муқоиса бо таърихи инкишофи мусиқии суннатӣ дар Ўзбекистон восита ва сарчашмаи илмии хеле муҳим мебошанд.

Муаллиф хеле дуруст таъкид кардааст, ки «Байни арзишҳои нодиртарин падидаҳои эҷодиёти мардумӣ – ҳунари мусиқӣ бо тамоми имконият ва хусусиятҳои худ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, нақши он дар ҷомеа муҳимтарин ҷавҳари фарҳанги маънавӣ қабул гардидааст».

Китобҳоро варақ зада, дар олами мусиқии касбии суннатӣ ва сурудҳои ҷашнию маросимӣ сайр менамоед, аз ин хирмани маънӣ хӯшаҳои пурбор чида, завқи зебоиписандиатон ғанитар мегардад.

Хусусан, китоби аввал – «Эҳёи мактабҳои суннатӣ – асолати ҳуввияти мусиқии миллӣ»-ро як навъ китоби энсиклопедӣ оид ба мактабҳои мусиқии классикӣ, мақомҳои маҳаллии тоҷик, вазъи омӯзиши илми мусиқӣ, устохонаҳои созҳои мусиқӣ дар вазъияти кунунии Тоҷикистон номидан мумкин. Гуфтор оид ба намояндагони мактабҳои сарояндагии мақом ва таронаҳои мардумии минтақа ва ноҳияҳои сартосари кишвар, аз Хуҷанду Хатлон то болооби Зарафшону кӯҳсорони Бадахшон, хеле дилангез баромадааст. Номи бобҳои «Таъсисёбии нахустин мактабҳои суннатӣ (пажӯҳиш ва таҷриба)», «Таъсиси Маркази фарҳангии мусиқии тоҷик – «Ҳунар» ва роҳандозии фаъолияти он», «Мавқеи мактабҳои хусусӣ ва ташаккули мусиқии суннатӣ», «Таълимоти устод-шогирд дар иртибот бо мафҳумҳои «мерос» ва «анъана», «Вазъи омӯзиши фанни мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» худ баёнгари доираи васеи инъикоси мавзӯъҳои ҷолиби соҳаи мазкур мебошанд. Дар китоб байти зерини Муҳаммад Иқбол хеле бомаврид оварда шудааст:

*Наво аз пардаи ғайб аст,*
*эй мақомшинос,*
*На аз гулӯи ғазалхону на*
*аз пардаи соз.*

Китобхон зимни мутолиа аз рӯзгору мероси волои ҳунарпешагони намоён, аз ибтидои асри XX то имрӯз, ба мисли Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхони Ҳофиз, Акашариф Ҷӯраев, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Абдулло Назриев, Мамадато Таваллоев, Мирзоқурбон Солиев, Расул Қодирӣ, Темур Ҷалолов, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов, Ҷӯрабек Набиев, Мастона Эргашева ва даҳҳо нафари дигар, ки анъанаи аҷдодро имрӯз давом дода истодаанд, ошно мешавад. Кори дигари шоистаи таҳсини муаллиф – Султоналӣ Худойбердиев ин аст, ки ӯ баробари таҳияи мақола оиди ҳар як ҳофизу созанда, устодону шогирдон сурати онҳоро низ ҷамъ оварда, дар саҳифаҳои китоб ҷой додааст. Муаллиф аз сурату маводҳои таърихӣ пурсамар истифода кардааст. Ҷиҳати дигари муҳими монография он аст, ки як боби он ба соҳибони касби шарафнок – устоҳои созтарош, устохонаҳои созҳои мусиқӣ бахшида шудааст.

«Эҷодиёти мусиқии халқи тоҷик» ҳамчун воситаи дарсию методӣ пеш аз ҳама кори устодони мактабҳои мусиқиро осон мекунад ва ба ҳамаи ононе, ки ба хусусияти мусиқии фолклори тоҷик, маросимҳои анъанавӣ, сурудҳои мавсимӣ ва маросимӣ, мавригӣ, достонҳо, жанрҳои мусиқии маҳалҳои гуногун, жанрҳои мусиқии маросимҳои динию мазҳабӣ завқу таваҷҷуҳ доранд, хеле ҷолиб аст. Баъзе суруду таронаҳои мавсимию анъанавӣ дар шакли нота низ аз китоб ҷой гирифтаанд.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ўзбекистон ва Тоҷикистон.**

*Варзиш*

## ҚАҲРАМОНИ ҶАҲОН

***Дар шаҳри Манамаи Баҳрайн чемпионати ҷаҳон оид ба атлетикаи вазнин ба поён расид.***

Вакили Самарқанд, устоди байналхалқии варзиш Шарофиддин Амриддинов дар байни калонсолон қаҳрамон шуд. Вай санги вазнаш 212 килограммро бо як такон бардошта, рекорди нав гузошт. Ба шарафи чемпиони ҷаҳон парчами Ўзбекистон алвонҷ зад ва мадҳияи мо тананандоз гардид.

Дар роҳи оҳани Самарқанд қаҳрамони ҷаҳонро вакилони ҳокимият, фаъолони маҳаллаи Шоҳпӯлоди ноҳияи Тайлоқ, намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ ва дигарон бо гулдастаҳои тару тоза пешвоз гирифтанд.

– Дар чемпионат шарафи Ўзбекистонро ҳимоят кардан ба ман шарафи бузург аст, – бо ҳисси шодмонӣ таъкид намуд Шарофиддин Амриддинов, – аммо дар пеш Бозиҳои олимпӣ дар Лос-Анжелоси Амрико истодааст, ки мақсади ман ба шоҳсуфаи баланд баромада, медали тиллоро ба даст овардан аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## КОМЁБИИ ВАРЗИШГАРОН ДАР «ОЗМУНИ ПАНҶ ТАШАББУС»

***Маълум аст, ки дар мамлакатамон ҳар сол гузаронидани озмуни «Панҷ ташаббус» барои ҷавонон, хусусан донишҷӯён воқеаи фараҳбахш гардидааст.***

Соли гузашта марҳилаи ниҳоии қувваозмоиҳои ин озмун дар Донишгоҳи давлатии Бухоро баргузор гардида буд. Имсол ин чорабинӣ дар шаҳри Қаршӣ ба амал омад. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар мусобиқаҳои финалии озмун дар қатори дигар таълимгоҳҳои олӣ варзишгарони ДДБ низ фаъолона иштирок карданд. Дар қувваозмоиҳо оид ба волейбол дастаи волейболбоздухтарони ДДБ аз ҳама дастболо будани худро дар амал исбот карда, соҳиби медали тилло шуданд. Дар ин намуди варзиш медали нуқра ба волейболбозписарони донишгоҳ насиб кард.

Футболбозони ҳамин даргоҳи илм бо медали биринҷӣ баргаштанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## БОЗЁФТИ ИБОДАТХОНАИ СУҒДӢ ДАР УРГУТ



**Дар акс:** *дар кофтуковҳои археологии Ҷӯратеппа.* **Аксбардор: А. ПАВЛЕНКО.**

Ходимони Донишкадаи бостоншиносии Самарқанд дар деҳаи Ҷӯратеппаи ноҳияи Ургут, ки қариб бо минтақаи Саразми Тоҷикистон ҳамҷавор аст, баъди тадқиқотҳои археологӣ ибодатхонаи мансуб ба маданияти Суғди қадимро пайдо карданд.

– Дар деворҳои маъбудаи бо зару зевар ороёфта порчаҳои расмҳои гуногун маҳфузанд, – иброз дошт директори Институти бостоншиносии Самарқанд, доктори фанҳои таърих Амриддин Бердимуродов. – Ҳоло як гурӯҳ мутахассисони соҳа мӯшикофона тадқиқоти илмӣ мебаранд. Тахмин карда мешавад, ки ибодатхона дар асрҳои VII-VIII аз ҷониби истилогарони араб сӯхта, ба вайрона табдил ёфтааст. Бояд таъкид намуд, ки ду сол қабл аз ин кадоме ин заминҳоро хост ҳамвор созад, вале ногаҳон арк пайдо шуда, ҳозиронро ба ҳайрат гузошт. Ба донишкадаи мо хабар доданд ва мо корҳои ҷустуҷӯиро оғоз намудем.

Журналисти самарқандӣ Анастасия Павленко дар ин хусус дар рӯзномаи «Самаркандский вестник» хабар дода буд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Обуна-2025*

# ТОҶИК МАРД БУД... ҲОЛО-ЧӢ?

***Бо анҷоми моҳи декабр чун ҳарсола обунаи солона ба рӯзномаҳо низ анҷом мепазирад. Алҳол масъалаи обуна басо сангину заҳматталаб аст. Дар ин боб ҳар кас фикру хаёли худро дорад.***

Аммо муаллимон-чӣ? Ҳар як омӯзгор бояд ба забони адабӣ ҳарф зада тавонад. Новобаста аз он ки ихтисосаш чист. Вай бояд дорои симои маънавӣ бошад. Имрӯз тақозои замон аст, ки дорои маънавияти зарурӣ бошем. Дар кӯчаву маъракаҳо баъзан дучори шахсоне мегардем, ки бо даҳони пур аз «тоҷик» будани худ лоф мезананд. Чун аз хусуси обуна гап занед, ҳазору як баҳонаашон тайёр аст. Ана, маънавият....

Боре дар сомона дучори ин гуфтаҳо гардидам: «Тоҷик мард буд, мард ҳаст ва мард мемонад». Ҳоло-чӣ? Оё ин гуфтаҳо исботи худро доранд? Фикр мекунам, худшиносиву миллатдӯстӣ, ору номус ва ғайра фақат дар забон мондаст. Лофҳои бардурӯғ...

Хушбахтона, омӯзгороне ҳастанд, ки пайваста фикри фарҳангу миллати худро доранд. Инҳо шахсонеанд, ки дар ҳар гуна ҳолат метавонӣ ба эшон бовар кунӣ ва такя намоӣ. Шукри онҳо. Тӯли ду ҳафтаи аввали моҳи декабр 20 нафар омӯзгорони деҳаи Навободи мо ба рӯзномаи дӯстдоштаи худ «Овози тоҷик» обуна шуданд. Онҳо бори дигар собит намуданд, ки рӯзнома ҳастии миллат аст. Омӯзгорони дигар низ аз пайи обунашавӣ ҳастанд.

Агар хоҳем, ки сазовори забону фарҳанги хеш, дорои рӯзномаи худ бошем, агар хоҳем, ки бо забони адабӣ ҳарф занем, агар хоҳем, ки дар рушди маънавияти миллати худ саҳмгузор бошем, пас бояд ба рӯзномаи худ – «Овози тоҷик» обуна шавем. Бовар дорам, ки ҳар як тоҷик дар ин маърака ҳиссагузор мешавад.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

*Машъалони маориф*

# АЗ ПАЙИ КОМЁБИҲО

***Баъди директори мактаби миёнаи рақами 22-юм таъин гардидани омӯзгори соҳибтаҷриба Мирҳасан Кичибоев он ба яке аз таълимгоҳи шуҳратёри ноҳияи Самарқанд табдил ёфт. Боиси хушнудист, ки дастпарварони мактаб на танҳо дар рейтинги ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус дохил шудан, инчунин дар олимпиадаи фанҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, китобхонӣ ва дигар қувваозмоӣ ба комёбиҳои назаррас соҳиб мешаванд. Чуноне ки дар шуъбаи таълими халқи ноҳияи Самарқанд иттилоъ доданд, ҷамоати аҳлу тифоқи мактаб барои баланд бардоштани сатҳи дониши талабагон аз роҳҳои мухталифи таълим пурсамарона истифода мебаранд.***

## ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН

Биноi хушсохту замонавии мактаб дар маркази маҳаллаи Деҳнав ҷойгир буда, ҳар касе, ки ба ин ҷо ташриф меоварад, аввало бо посбонони хушёру зирак рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

– Директор ба мо лозим, – гуфтем мо пас аз салому алейк, – ходимони матбуот ҳастем.

– Хеле нағз, – гуфт ӯ, – аммо роҳбарамон бо мудири шуъбаи хоҷагии мактаб барои овардани ниҳолҳои дарахтони меванок ва манзаравӣ рафтанд. Ҷонишини он кас Гулбаҳор Адашева дар ҳамин ҷо. Хабар диҳам?

– Албатта.

Телефони мушкилкушои посбонон ҷонишини директори мактаб оид ба таълиму тарбияро ба назди дари даромадгоҳ овард ва мо бо роҳбаладии ӯ вориди бинои таълимгоҳ шудем.

Гулҳои тубакчаҳои бешумор шукуфон дар долону утоқи кории ӯ, инчунин муносибати самимии Гулбаҳор Адашева эътибори моро ба худ кашид.

– Мактаби моён таърихи қадима дорад, – иброз дошт Г. Қуддусовна, – соли 1927 таъсис ёфта, дар байни хатмкунандагони мактаб арбобони давлатӣ, олимон, нависандагону журналистон, пешқадамони кишоварзӣ ва соҳибони касбҳои дигар ҳастанд. Имрӯзҳо онҳо дар тамоми гӯшаву канори мамлакат ва ҳатто дар хориҷа кору фаъолият доранд.

(Давомаш дар саҳ.4).




# ОДОБУ АХЛОҚ ДАР «ФУТУВВАТНОМАИ СУЛТОНӢ»

«Футувватномаи султонӣ» идомаи мантиқии «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Онҳо чун шаддаҳои марҷон бо ҳам аз нигоҳи мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ пайванданд. Бо ибораи дигар, ин се шоҳасар се бародаранд. «Футувватномаи султонӣ» чӣ маъно дорад? Калимаи футувват вожаи арабист. Кошифӣ онро чунин шарҳ додааст: «Бидон, ки футувват аз рӯи луғат ҷавонӣ бошад ва баъзеҳо дар шарҳи ин луғат бар онанд, ки футувват ҷавонмардӣ бошад». Аттор дар ин маънӣ гуфтааст:

*Дидаи дил аз футувват равшан аст,*
*Равзаи ҷон аз футувват гулшан аст.*
*Гар бувад илми футувват бар сарат,*
*Ҳар замон бахшад сафои дигарат.*

«Футувватнома»-ро маҷмӯи гуфтор, кирдор ва рафтори ҷавонмардони накӯкор метавон донист. Ин асар аз муқаддима ва 12 боб таркиб ёфтааст, ҳар як боб боз ба фаслҳо ҷудо шудааст.

Муҳимтарин мавзӯи асар тарбия, одобу ахлоқ, фазилатҳои неки ҷавонмардӣ: меҳнатдӯстӣ, покию ростӣ, бо меҳнати ҳалол зиндагӣ кардан, ба дуздию ғоратгарӣ, фисқу фасод даст назадан, ба мазлумон, камбизоатон дасти ёрӣ дароз кардан, илму ҳунар омӯхтан, дар тиҷорат бо харидорон муомилаи хуш доштан, нисбат ба устод эҳтиром варзидан, одоби сухан ва салому алейкро нек ба ҷой овардан, ба қадри волидайн расидан ва ҳамин барин масъалаҳо дар асар бо мисолу ҳикоёти ширин, бо овардани абёти адибони бузурги гузашта ва худи муаллиф дар асар инъикос ёфтааст.

Яке аз масъалаҳое, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба он бештар диққат додааст, ин муносибати устоду шогирд, рафтори байни омӯзгору талаба мебошад, ки дар шароити имрӯза ҳам андешаҳои мутафаккир басо арзишманданд. Нахуст «Дар баёни устод ва шароити он» мақому манзалати омӯзгорро ба ёд меорад ва ба шогирдон ва толибилмон хитоб карда чунин мегӯяд: «Бидон, ки ҳеҷ коре бе устод муяссар намешавад, ҳар кӣ бе устод коре кунад, бебунёд бошад:

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*

Бинобар ин, ҳар кӣ хоҳад ба дараҷаи камол бирасад, бояд устод дошта бошад:

*Ҳар кӣ бе устод кард оғози кор,*
*Кору бори ӯ надорад эътибор.*
*Домани устод гиру шод шав,*
*Муддате хидмат куну устод шав!*

Ин ҷо Кошифӣ ба шогирдон гӯшзад менамояд, ки хидмати устодро ба ҷо биёред, аз ӯ илму дониш омӯзед ва чун ба камол расидед, шумо ҳам устод мешавед ва соҳибном хоҳед гашт. Сипас, хислатҳои устодро баён мекунад, ки ӯ бояд покизамазҳаб бошад. Яъне дар роҳи хеш устувор бояд бошад. Дувум, донишманд бошад ва аз илм ё дарсаш вуқуфи комил дошта бошад. Сеюм, ахлоқи пок, рафтору кирдори накӯ дошта бошад, чорум, ҳар хисоли арзишманде, ки дар ҳаққи футуввати ҷавонмардон арз кардем, бояд аз он бархурдор бошад. Муҳимаш он ки дар дил кинаю кудурат нисбат ба шогирд нагирад, ба онон баробар назар кунад.

Шогирд бояд чӣ гуна бошад?

Ба назари муаллиф шогирд бояд бо чунин сифатҳо ороста бошад: назди устод бо камоли эътиқоду боварӣ ба хондан шурӯъ намояд, ба устод содиқона хизмат кунад, дилу забонаш рост, яъне як бошад. Ҳар чӣ устод гуфт, дар гӯш бигирад ва ҳар кор, ки фармуд, онро бояд содиқона иҷро кунад. Шогирд ё талаба бояд дар назди устод чӣ гуна одоб дошта бошад?

Пеши устод кам сухан гӯяд, устодро эҳтиром кунад, ибтидо салом диҳад, чун устод сухан гӯяд, хомӯш бошад ва бо камоли майлу хоҳиш ба гуфтори омӯзгор диққат диҳад, агар суол дошта бошад, аз устод иҷозат пурсад, дар назди устод (синфхона) бо касе гӯшакӣ ё сӯҳбат накунад, эътироз ба гуфтори устод накунад, дар назди устод ва волидайн ва калонсолон ҳамеша боодобу ботамиз бошад.

*Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,*
*Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.*

Чунонки дидем, андешаҳои Кошифӣ дар бораи вазифаҳои устоду шогирд қимату арзиши худро гум накардаанд. Ҳар як хонанда бояд омӯзгорро эҳтиром кунад, зеро танҳо омӯзгор дар дили шогирд шамъи илму донишро фурӯзон хоҳад кард, ӯро ба ростию покӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҳидоят менамояд. Аз ин нигоҳ, қадри устод дар назди шогирд басо баланд аст. Агар шогирд ба гуфтаҳои устод амал кунад, албатта, донишу камолоташ зиёд хоҳад шуд ва, ба гуфтаи адиб, адаб чизи муқаддас аст, адаб мисли тоҷ аст, ки аз нури Худованд ҷило медиҳад. Ҳамин тоҷро бар сар куну ҳар ҷо, ки хоҳӣ бирав! Бешубҳа обрӯву мақому манзалат хоҳӣ ёфт.

**Хушнуд МАҚСАДОВ,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 46-уми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.**

*Зикри хайр*

## Ӯ МИСЛИ ПАДАР МЕҲРБОН БУД...

Овони мактабхониамон (солҳои 60-70-уми даврони шӯравӣ) ба муаллимонамон бо чашми ҳавас менигаристем. Тамоми ҳастии муаллимон барои мо асроре буд ва ҳеч як амал, рафтору гуфтори онҳо аз мадди назар ва ҳусни таваҷҷуҳи мо дур намемонд. Агарчи мактабу синфхонаҳо мисли ҳозира бошукӯҳ набуд, вале мо мактабамон ва омӯзгоронамонро дӯст медоштем ва онҳоро барои худ бо истилоҳи ҳамонвақта «идеал» медонистем ва ҳурмату иззаташонро сидқидилона ба ҷо меовардем.

Яке аз ҳамин гуна омӯзгорони соҳибҳурмату соҳибиззат Ҳасанҷон Ҳасанбоев буданд, ки дар якчанд мактаби Сӯх омӯзгорӣ кардаанду тамоми умри худро барои таълиму тарбияи насли наврас бахшидаанд. Эшон ба маънои томаш муаллим, машъалафрӯз ва зиёбахши қалбҳои мо – шогирдон буданд.

Дар дабистон, дар маҳалла, дар хона ва умуман дар ҳама ҷо бо забони фасеҳи адабии тоҷикӣ ҳарф мезаданд. Тарзи гуфторашон хеле форам, таъсирбахш ва пурмаънӣ буд. Бо талабагон ҳам мисли калонсолон «шумо» гуфта аз сидқи дил пурсупос мекарданд ва бо ин тарзи гуфторашон ба мо забон меомӯзонданд ва ҳам тарбия мекарданд. Дар дарсҳояшон, ки риёзӣ буд, пурра адабӣ гап мезаданд ва роҳ намегузоштанд, ки мо бо забони вайрони лаҳҷавию шевагиамон сухан ронем. Нисбати забон ҳурматашон беандоза калон буд. Дӯстдори рӯзномаҳои тоҷикӣ, ба мисли «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»), «Маориф ва маданият» , «Ҳаёти нав» ва ғайра буданд. Мудом мутолиа мекарданд...

Мо толибилмон ҳаракат мекардем, ки дар дарсҳояшон ва дар дигар дарсҳои муаллимон ҳам ба қоидаҳои забони адабӣ риоя намоем. Дар маҳалла он касро ҳама ҳурмат карда, ба фарзандҳояшон гаштаву баргашта таъкид мекарданд, ки мисли муаллим Ҳасанҷон Ҳасанбоев соҳиби одобу хулқи ҳамида бошанд ва бо баҳоҳои хубу аъло хонда муаллим шаванд.

Ба қавле, панҷ панҷаашон ҳунар буд. Ба техника, алалхусус мототсикл нағз сарфаҳм мерафтанд, ҳоҷати корафтодагонро зуд мебароварданд, суҳбаторо буданд, ҳамеша дар ғами дигарон ва ёрирасони мардум буданд.

Дареғо, алҳол чунин касон каманд. Рӯҳашон шод, манзили охираташон обод бод!

**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Тавсияи методӣ*

## ДАРСИ СОАТИ СИНФӢ ҶИЛОИ НАВ ХОҲАД ГИРИФТ

Барои сифатнокии дарсҳои «Соати синфӣ» чанд таҷҳизотро корбаст кардан мумкин. Яке аз ҳадафҳои дарси мазкур ташаккул додани маънавияти донишомӯзон мебошад, ки хеле муҳим аст. Алҳол дар тамоми мактабҳои ҷумҳурӣ рӯзи ҷумъа соати якуми дарс ба соати синфӣ ҷудо карда шудааст. Он аз ҷониби роҳбари синф гузаронида мешавад. Мо дар ин дарс ғайр аз корҳои дар нақша муайяншуда корбасти ҳикояҳои хурдро муҳим меҳисобем. Ҳикояро ба тафсилу оҳанги нутқ эътибор дода, ифшо кардан судманд аст. Зеро вақте ки хонанда аз ҷониби омӯзгор ҳикояи сужеташ содаро мешунавад, боз хоҳони шунидани ҳикоя ва ё аз паи ҷустуҷӯи китобҳои бадеӣ мешавад. Ин равандро мо дар дарсҳои соати синфӣ тавассути китоби «Ҳафт бор афтӣ, ҳашт бор хез!»-и тарҷима ва таҳияи Бахтиёри Ҷумъа ва Нарзипӯлод Саидова корбаст кардему ба натиҷаи мусбӣ ноил гардидем. Ин китоб хеле шавқовару пурмазмун буда, 171 ҳикояи ибратомӯзи халқҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Саравval як-ду ҳикояро нисбат ба мавзӯъ ва вазъият истифода кардем, ки шунаванда оромона мешуниду дигарашро интизор мешуд. Масалан, ҳикояи «Омӯзиш» чунин омадааст:

«– Хондан мехоҳам. Маро ба шогирдӣ мегиред?

– Бовар надорам, ки ту хондан мехоҳӣ?

– Чӣ тавр хонданро ёд медиҳед?

– Ту ба омӯзонидан рухсат медиҳӣ?

Баъди андаке устод гуфт:

– Агар шогирд омӯзишро ихтиёр карда, ба хондан аҳд карда бошад, омӯзгор таълим дода метавонад».

Мисли ҳамин ҳикояҳоро аз китоб омӯхта, мулоҳизаро пурқувваттар баён кардан хонандаро аз бадахлоқиҳо эмин медорад, зеро қатраҳое, ки аз ҳар дарс зам мешаванд, ба дарёи азим мубаддал гардида, хонандаро сӯйи орзуҳои нек хоҳад бурд. Инчунин тавассути ин роҳ дарси соати синфӣ ҷилои нав хоҳад гирифт.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 11-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

# МАКТАБ – МАСКАНИ ФАЗЛУ КАМОЛ

Дар ташаккули маънавию маърифатии хонандагон нақши мактаби миёна беқиёс аст. Кӯдакон дар ин маскан соҳиби илм ва фазлу камол гардида, ба воя мерасанд. Худшиносии ҳар шахс дар мактаб оғоз ва ташаккул меёбад. Зеро мактаб даргоҳе мебошад, ки ба насли наврас таълиму тарбия медиҳад ва ба воя мерасонад. Инчунин, тарбияи ватанпарварӣ, садоқат, этикӣ-эстетикӣ ва поквиҷдонӣ дар шуури хонандагон бояд дар мактаб инкишоф ёбад.

Деҳаи Варзик яке аз гӯшаҳои тоҷикнишини вилояти Намангон, масофаи марказу деҳа 60-65 километрро ташкил мекунад. Азбаски дар атрофи ин деҳа ӯзбекҳо истиқомат мекунанд, урфу одати онҳо монандӣ доранд. Хешутаборӣ, доду гирифт ва қудоандагӣ ба роҳ монда шудааст. Сиёсати Президентамон дар ҳаёти варзикиён низ акс ёфтааст. Мардуми ин гӯша аз ғамхорӣ, меҳрубонии сарвари давлат мамнун ҳастанд. Халқи мо ба қадри ин рӯзҳои осуда мерасанд, ба давлат ва ба Президенти худ содиқона аз таҳти дил дар соҳаҳои гуногун хидмат мекунанд. Зеро Варзик рӯз аз рӯз обод ва хушманзар гардида, ҳаёти иҷтимоии халқ баланд бардошта шуда истодааст. Хусусан, ба соҳаи мактаб ва тиб эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Муаллимон ва шифокорон аз корҳои маҷбурӣ озод карда шуданд. Дар роҳи сохтани Ренессанси сеюм нақши муаллим ва шифокорон беназир аст.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои археологӣ маълум шудааст, ки таърихи Варзик ба давраи пеш аз милод рафта мерасад. Мардум аз қадим бо саводомӯзӣ, деҳқонӣ, зироаткорӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул шудааст. Аз ин эътибори ҷиддӣ ба таълиму тарбияи насли наврас бештар будааст. Ҳамчун маҳсули меҳнати онҳо аз деҳа намояндагони илму фан, ҳунармандӣ ва санъат ба воя расидаанд.

Дар Ватанамон мувофиқи лоиҳаҳои замонавӣ аксар мактабҳо аз таъмир баромаданд. Қисми зиёди онҳо аз сари нав, як қисм аз таҳкурсӣ пӯшида шуданд.

Бо ташаббуси сарвари давлат ба рушду тараққиёти таълими халқ эътибори баланд дода шуда истодааст. Ин шахси халқпарвар фармон ва қарорҳое қабул мекунад, ки зери он манфиати халқ меистад.

Дар Варзик панҷ мактаби миёна, панҷ муассисаи томактабии давлатӣ ва хусусӣ фаъолият доранд. Дар асоси «Ташаббуси кушод» лоиҳаҳои нав ба навро ба даст даровардa истодаанд. Кӯчаҳо аз нав мумфарш ва чароғон шуд. Дар мактабҳои рақами 13, 50 ва 60-ум ташаббускорон лоиҳаи мини-стадион ба даст даровarданд ва он таъмир ёфта, ба истифода супорида шуд. Аз он ҷумла, дар мактаби миёнаи 13-ум бинои нави сеошёнае, ки ба 420 нафар хонандагон пешбинӣ шудааст, аз нав таъмир ёфта, ҷиҳозонида шуд. Мактаби миёнаи рақами 58-ум, ки дар маҳаллаи Майдон ҷойгир шудааст, дар соли ҷорӣ аз таҳкурсӣ дар асоси услуби нави бинокорӣ қад рост карда, ҷиҳозонида шуд ва дар арафаи соли нав ба истифодабарӣ супорида мешавад. Ба бинои нави хушманзар дар асоси сармояи Бонки ҷаҳонӣ 3 миллиард сӯм маблағ сарф шуд.



Халқи деҳа аз чунин ғамхориҳои Президент сарфароз ҳастанд. Ин кӯмаки беғарази сарварамонро солҳои дароз фаромӯш намекунанд. Хатмкунандагони мактабҳои мо аз аввал ба дохилшавӣ ба донишгоҳҳо фаъол буданд. Албатта, онҳо соҳиби касби дӯстдошта шуда, дар тараққиёти Ватанамон ҳиссаи муносиби худро мегузоранд. Муаллимони ин маскан дар чунин биноҳои нав ва шароити хуб ба хонандагон аз таҳти дил сабақ медиҳанд, фидокорона хидмат мекунанд. Авлоди солимро дар руҳи ватандӯстӣ ва садоқатмандӣ тарбия менамоянд.

**Худойбердӣ ҚУРБОНОВ,**
**муаллими мактаби миёнаи рақами 58-уми ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**
**Аксбардор: Беҳзод САИДОВ (ӮзА).**

## АГАР САДСОЛА ГАРДАМ ҲАМ...

Муаллим! Чӣ хуш каломест, ки шунидан ҳамоно ба дил фароғат мебахшад. Муаллим шахсест, ки ба ҳаёти инсон ҳамчу нур дохил шуда, аз дили ӯ ҷой мегирад ва роҳи ҳаёти ӯро мунаввар месозад. Чун падару модар муаллим низ хонандагони худро ба оғӯш гирифта, барои таълиму тарбияи онҳо саҳми бузург мегузорад, барои фарзанди комил шудани онҳо кӯшиш мекунад. Аз айёми мактабхониам ба касби омӯзгорӣ меҳру муҳаббати беканор пайдо кардам, ки боиси ин устодони фидокорам мебошанд.

*Агар садсола гардам ҳам фаромӯшаш нахоҳам кард,*
*Ҳамон шахси азизеро, ки мунаввар пеши роҳам кард.*

Ба ҳар як рафтору гуфтори устодонам бо ҳавас эътибор медодам ва орзу мекардам, ки ман ҳам устод мешавам ва ҳар он сабақе, ки аз устодам омӯхтам, ба насли наврас мерасонам.

Барои ба дараҷаи баланд расидани мо – шогирдон меҳнати муаллимаи синфҳои ибтидоӣ Марямҷон Йӯлдошева ва муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик Кӯпайсин Йӯлдошева (рӯҳи ҳар ду шод бод) бениҳоят калон аст.

Аз хурдсолӣ муаллимаи меҳрубон, фидоӣ, барои мо ҳамчун чашмаи ибрат Зулфия Бозорова, ки то ҳол меҳнати худро дареғ надошта маслиҳатҳои бебаҳо медиҳанд, ҳатто дар такмили ихтисос ба муаллимони забон ва адабиёти тоҷик сабақ омӯхтанд.

Беш аз 31 сол инҷониб омӯзгор ҳастам. Ба хонандагон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик сабақ медиҳам ва кӯшиш мекунам, ки имконоти васеи забони модариамро бо тозагиву аслияти худ ба насли наврас расонам.

Мефахрам, ки имрӯз шогирдонам маро «устод» меноманд ва эҳтиром мекунанд.

**Зӯҳро МУЪМИНОВА,**
**омӯзгори мактаби рақами 13-уми ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**

# АЗ ПАЙИ КОМЁБИҲО



(Аввалаш дар саҳ.3).

Ҳоло дар мактаби мо як ҳазору 152 нафар таҳсил гирифта, 85 нафар омӯзгорон ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ таълим дода, шаш нафар соҳиби тоифаи олӣ ҳастанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ фармудааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Устоди сухан Садриддин Айнӣ низ панди ҳикматомез дорад, ки зеби китобхонаи мо аст:

*Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб,*
*Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:*
*Одам нашавад касе магар аз мактаб.*

Вале афсӯс мехӯрам, баъзе падару модарон напурсиданд, ки таълимгоҳи фарзандон чӣ гуна аст?

Шукр, ки сарвари давлатамон ба таълиму тарбият ва ривоҷу равнақи соҳаи маориф диққати хоса зоҳир карда, нуфузу эътибори омӯзгорон, маоши онҳо сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

### ДОНИШ ХОҲӢ, ПУРСОН БОШ

«Салом, бачаҳо!» Бо ҳамин ҷумлаи одӣ ва хушоҳанг вориди синфи 7-уми «В» шудем, ки Фирӯза Эргашева аз геометрия ба забони тоҷикӣ сабақ медод.

– Фирӯза аз зумраи он омӯзгоронест, ки бо донишу маҳорати худ миёни дигар ҳамкасбони ноҳия соҳибиззат гардидааст, – гуфт Гулбаҳор Адашева. – Вай устоди заковатманди геометрия аст. Муаллимаи соҳибтаҷриба 35 сол аст, ки ба насли наврас таълиму тарбият медиҳад.

– Хӯш, кӣ мегӯяд, ки геометрия чист ва дар куҷо пайдо шудааст? – маҳз барои зуд унс гирифтан пурсидем аз толибилмон.

Рости гап, аз пурсишҳои ногаҳонӣ роҳбалад Гулбаҳор Адашева дар тааҷҷуб афтода, сӯйи муаллима суолмез нигарист. Мазмун: оё шогирдонаш аз саволи ногаҳонӣ шарманда намешаванд? Вале Фирӯза бепарво ва бо табассум дида ба шогирдон дӯхт. Ба ҳайрати ӯ якбора чанд нафар даст бардоштанд.

Бо ишорати мо духтараки кушодачеҳраи хушсарулибос аз ҷояш хеста, бурро ва бо қатъият гуфт, ки геометрия хосиятҳои фазои шакл, ҷисм ва ашёро меомӯзад. Шубҳа нест, ки он дар Шарқ ба вуҷуд омадааст. Абурайҳон Берунӣ, Умари Хайём, Ал-Хоразмӣ ва дигар бузургони тоҷик ба рушди геометрия саҳми арзанда гузоштаанд.

– Исму насаби шумо ва баъди гирифтани номаи камол дар куҷо таҳсил гирифта, кадом касбро интихоб мекунед? – аз ҷавобҳои қаноатбахши ӯ хушҳол шуда пурсидем. – Ғайр аз китобҳои дарсӣ, боз асарҳои бадеӣ мехонед?

– Ман, Райҳона Ҳоҷиева, ният дорам, ки баъди хатми мактаб ба факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуда, чун устоди меҳрубону дилсӯз Фирӯза Эргашева муаллим шавам. Дар вақти холӣ аз китобхонаи мактаб асарҳои Устод Садриддин Айнӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷалол Икромӣ, Пӯлод Толис ва дигаронро гирифта варақ мезанам. Бо навиштаҳои рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Гулобод тонги», «Овози Самарқанд», «Самаркандский вестник» шинос ҳастам.

### МАСКАНИ МАЪРИФАТ

Вақте ки мо вориди китобхонаи мактаб шудем, мудир Хайринисо Амонова бо чанд нафар талаба саргарми суҳбат буд.

Моро дида бо ифтихор сӯйи ҷевонҳои китоб ишораткунон фаҳмонд, ки ҳоло дар китобхона қариб 5 ҳазор нусха асарҳои гуногун ба забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ маҳфузанд.

– Ҳар рӯз 40-50 нафар мухлисони каломи бадеъ муаллифони дӯстдоштаи худро пайдо карда, бо эҷодиёти онҳо шинос мешаванд, – гуфт Хайринисо, – бо кумаку ёрии беғаразонаи аъзо нишасти адабӣ, тақдимоти китобҳои тозанашр, вохӯрӣ бо аҳли эҷоди Самарқанд баргузор мешаванд.

Сабина Ҷӯрақулова, Шаҳноза Ҷалилова, додарон Ҳасану Ҳусайн, Амирҷон Раҳимов, Диёра Амруллоева, Нозанин Мақсудова, Нафиса Қамарова ва дигарон фаъолони мо ҳастанд.

Бо ғамхории сарвари мактаб Мирҳасан Кичибоев масъалаи китоб ҳалли худро ёфтааст. Аммо обуна ба рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон хеле душвор ва гарон аст. Охир гап дар сари он, ки дар мактаби мо таҳсил ба се забон ҷараён гирифта, ҳама вақт ҳам адабиёти кофӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ надорем. Агар барои ҳалли ин масъала ҳомиёни саховатпеша пайдо шаванд, нуран ало нур мебуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**
**Аксбардор: Б. ЗОҲИР.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.